**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Воҳидова Нодира Абдусатторовна дар мавзӯи «Хусусиятҳои фарҳангҳои фразеологӣ дар забонҳои гуногунсохт (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ). – Хуҷанд, 2022. – 59 саҳ.**

Забон на танҳо воситаи алоқаи байни одамон аст, балки муҳимтарин василаи робита ва ҳамкории байни миллатҳост. Рисолати дуюми забон беш аз пеш дар айёми мо – замони ҷаҳонгароӣ фаъолтар гардид. Ин рисолат алҳол ба дӯши забонҳои оламшумул, аз ҷумла, забонҳои англисӣ ва русӣ қарор дорад. Дар сатҳи корӣ – фаъолияти касбӣ донистан ва ба кор бурда тавонистани забонҳои мазкур тақозои айём гардид.

Табиист, ки дар соҳаи забоншиносӣ низ ҷанбаи амалии фаъолияти забонҳо афзалтар гардида, таҳқиқи муқоисавии забонҳо ҳамчун василаи баҳрабардорӣ аз дастовардҳои забоншиносӣ хеле вусъат гирифт.

Диссертатсияи Воҳидова Н.А. дар мавзӯи «Хусусиятҳои фарҳангҳои фразеологӣ дар забонҳои гуногунсохт (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)» аз зумраи ҳамин гуна таҳқиқот ба шумор меравад. Дар рисола вазъи фарҳангнигории фразеологии тоҷикӣ дар қиёс бо фразеографияи русӣ ва англисӣ мавриди пажӯҳиш қарор ёфта, имкон пайдо шуд, ки як соҳаи хеле муҳимми забони давлатии тоҷикон дар партави комёбиҳои забоншиносии забонҳои сатҳи ҷаҳонӣ муоина карда шавад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаҳо, тавсияҳо иборат буда, мавзӯъ ба таври мукаммал гузориш ва ҳалли худро ёфтааст. Аз мазмуни автореферат бармеояд, ки муаллиф мубрамии мавзӯъ, дараҷаи омӯхта шудан, навгониҳои таҳқиқ, аҳамияти илмию амалӣ, мақсад ва вазифаҳои рисоларо дақиқ баён кардааст. Дар бобҳои рисола масъалаи муҳимми фразеографияи забонҳои қиёсшаванда, аз ҷумла, саромад ва раванди

инкишофи фарҳангҳои фразеологии забонҳо; нақши фарҳангҳо дар рушди фразеология; усулҳои шинохт, интихоб ва шарҳи воҳидҳои луғавӣ мавриди таҳлил қарор ёфта, ҳамҷоя маълумоти мукаммалро дар бораи фарҳангҳои фразеологӣ дар бар гирифтааст. Дар маҷмӯъ, рисола дар тасаввури мутолиакунанда дар бораи фразеографияи забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ маълумоти рӯшани илмӣ ба бор меорад.

Натиҷаҳои пажӯҳиш дар хулосаи бобҳо, дар даҳ банд хулосаи умумӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст шудаанд. Ҳамаи ин қисматҳо ба шарҳи ду нукта нигаронида шудаанд: пеш аз ҳама, дар масъалаҳои муҳокимашаванда дар фразеографияи забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ умумиятҳо ба назар мерасанд ва дар навбати худ, ҳар яки ин забонҳо дорои махсусиятҳо мебошанд, ки бо мурури замон дар раванди фаъолияташон ба миён омадааст.

Хусусиятҳои умумӣ, аз ҷумла, дар масъалаҳои сохтори фарҳангҳо, шинохт ва ҷойгиркунии воҳидҳои фразеологӣ дар фарҳангҳо, системаи ташреҳот, зикри мисолҳои шоҳид ва ишоратҳо фарҳангҳои фразеологии забонҳои гуногунсохтро бо ҳам наздик месозанд, аз ҷониби дигар, тафовутҳои хоса, ки ба мушоҳида меоянд, дар мавриди самарабахш будан, ҳамчун падидаи санҷидашуда аз ҷониби фразеографҳои забонҳои дигар низ ба кор бурда мешаванд. Аз ин нуқтаи назар пешниҳоди муаллифи рисола дар бораи на тафовути зиёд дар принсипҳои тадвини фарҳангҳои фразеологӣ, балки бештар умумият пайдо кардани онҳо қобили қабул аст, зеро ягонагӣ ё ҳаммонандии фарҳангҳо корбурди онҳоро осон мегардонад.

Аз мутолиаи автореферат бармеояд, ки забони тоҷикӣ дар таҳқиқ дар паҳлуи забонҳои русӣ ва англисӣ дар мавқеи муносиб қарор ёфта, ҳамчун як соҳаи мустақили забоншиносӣ падидор шудааст. Хусусиятҳои хоси фразеографияи тоҷикӣ дар қиёс бо забонҳои русӣ ва англисӣ нишон дода мешавад, ки аз ҷумлаи онҳо таърихи қадима доштан, соҳиби теъдоди

зиёди луғатномаҳо будан, дар луғатномаҳои тафсирӣ мавқеи калон доштани воҳидҳои фразеологӣ ва ғайраро номбар бурдан мумкин аст.

Аз маводи рисола як аломати ғановати забони тоҷикӣ зимни таҳлили манбаъҳои фразеографӣ собит мегардад: забони тоҷикӣ забони маҷозхост, аксари калимаҳои тоҷикӣ дорои маънои маҷозӣ мебошанд, аз ин рӯ, онҳо дар ҳамаи фарҳангҳои тафсирӣ мавқеъ доранд, чунки муҳимтарин аломати воҳидҳои фразеологӣ маънои маҷозӣ доштан аст.

Маводи рисола нишон медиҳад, ки теъдоди фарҳангҳои фразеологӣ дар забонҳои русӣ ва англисӣ нисбат ба тоҷикӣ зиёд аст. Ин падида боиси вусъати роҳу усул ва воситаҳои ташреҳоти фразеологӣ шудааст, ки онро чун таҷрибаи пешқадам дар такомули фарҳангнигории забонҳои миллӣ истифода кардан ба манфиати кор хоҳад буд.

Масъалаҳои корбурди дарстовардҳои забонҳои қиёсшавандаи тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар банди алоҳидаи рисола (автореферат) таҳти унвони "Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот" баён ёфта, пеш аз ҳама, ба вусъати таҳқиқи муқоисавии фразеографияи забонҳои гуногунсохт дар мисоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ва такмили таълими ҳамгирои забонҳои тоҷикӣ ва хориҷӣ нигаронида шудааст. Албатта, моҳияти тавсияҳоро аз рӯйхати интишорот дарк кардан мумкин аст, вале дар охири банди тавсияҳо зикр намудани рақами мақолаҳо ба мақсад мувофиқтар мебуд. Дар навбати худ бо назардошти талаботи Низомномаи Шӯрои нави диссертатсионӣ ва омода намудани рисолаҳо тавсияҳо оид ба амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот бояд қисми таркибии мақолаҳои илмӣ бошад ва дар татбиқи саривақтии дастовардҳои илмӣ мусоидат намояд.

Аз мушоҳида ва таҳлил бармеояд, ки натиҷаҳои таҳқиқот хеле мукаммал дар 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои дар қайди КОА-буда манзури мутахассисион ва олимону омӯзгорон аст. Ҳамчунин аз рӯйи маводи рисола дар конференсияҳои сатҳи

байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва семинарҳои илмию методии донишгоҳ маърӯзаҳои илмӣ ироа гардидаанд.

Хамин тариқа, рисолаи Воҳидова Н.А. «Хусусиятҳои фарҳангҳои фразеологӣ дар забонҳои гуногунсохт (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)» дар мавзӯи мубрам кори илмии комилан анҷомёфта ва ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он унвонҷӯ Воҳидова Н.А. шоистаи дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) мебошад.

профессори кафедраи умумидонишгоҳии
забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои филология: Саидзода Ҳ. А.

Имзои Саидзода Ҳ-ро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.

25-08-22